# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи номзадии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи метрология).**

Дар асоси қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20.03.2024 барои рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич аъзои комиссияи ташхисӣ дар ҳайати 3 нафар мутахассисони соҳаи рисолаи ҳимояшаванда аз шахсони зерин интихоб карда шуданд:

1. Сатторов Абдурасул Эшбекович - узви Шуро, номзади илмҳои физикаю математика, доктори илмҳои педагогика, профессор, 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) - раиси комиссия;

2. Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич, доктори илмҳои физика-математика, профессор (01.01.02 – муодилаҳои диффересиалӣ) – аъзои комиссия.

3. Ҳасанов Дӯстмурод Раҷабмуродович - номзади илмҳои таърих (07.00.10 - Таърихи илм ва техника) - аъзои комиссия;

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки муайян кардани санаҳои таърихӣ ва оғози фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ аз давраи Аморати Бухоро то замони муосир, дар маҷмуъ вазифаи асосии таҳқиқи илмии рисоларо ташкил медиҳад. Дар рисола аз нуқтаи назари илми таърих бо дарназардошти равандҳои инкишофи соҳа дар замонҳои мухталиф мавод ҷамъоварӣ шуда, дар асоси санаду далелҳои асоснок нақши созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунониро дар рушди иқтисоди дохилӣ, таъмини бехатарии истеҳсолот, хизматрасонӣ ва савдо, фаъолияти

байналхалқӣ ва дигар самтҳои он дар шакли хронологӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Кабиров Ф.О. дар кори диссертатсионии худ комилан дуруст исбот кардааст, ки таҳлили муқоисавии метрология ва низоми стандарткунонии Аморати Бухоро бо стандартҳо ва ченакҳои Шуравӣ, таҳлили соҳаи иқтисод ва савдои маҳаллӣ дар давраи гузариш ба стандартҳо ва метрологияи нав натиҷаи дилхоҳ медиҳад.

Барои амалӣ гардонидани ҳадафи асосии таҳқиқоташ диссертант вазифаҳои зеринро ба миён гузошта, ба иҷрои он пурра муваффақ гардидааст:

- муайян намудани унсури илмии барқарорсозӣ ва таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷикон (охири асри XIX – аввали асри XXI) ва таърихи он;
- инъикоси раванди гузариш аз ченакҳои Аморати Бухоро ба соҳаи стандартҳо ва ченакҳои Шуравӣ ва аҳамияти он барои соҳаи иқтисоду савдо;
- омӯзиши таъсис ва рушди хадамоти метрология ва стандарткунонии ҶШС Тоҷикистон, инъикоси умумият ва фарқиятҳои системаи ченакҳо ва стандартҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XXI;

Унвонҷӯ дар рафти таҳқиқот ба чунин навгониҳои илмӣ ноил гардидааст:

- бори аввал дар доираи илми таърих таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷикон (охири асри XIX – аввали асри XXI) мавриди таҳлил қарор гирифта, саҳми муҳаққиқони соҳаи таърих ва дигар соҳаҳои илм дар омӯзишу фаъолияти ин сохтор дар шакли хронологӣ таҳлил гардидааст;
- сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбӣ ва фаъолияти соҳаи стандарткунонӣ дар давраҳои мухталифи рушди ҷомеа дар доираи замон ва макон мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд;
- бори нахуст низоми назорати соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба муҳокима гузошта шуда, нақши ин соҳа дар танзими муносибатҳои иқтисодии ҷомеа инъикос гардидааст;

- вобаста ба муайян кардани санадҳои таърихии оғози фаъолияти низоми муштараки стандарткунонӣ, маълумоти тоза доир ба таъсисёбии соҳаи метрология ва стандарткунонӣ аз давраи Аморати Бухоро то давраи Шӯравӣ ҷамъоварӣ гардиданд;

- таҳлили таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷик (охири асри XIX – ибтидои асри XXI), имконият фароҳам овард, ки бори аввал аз нуқтаи назари илмӣ равандҳои инкишофи соҳа ба таври густурда омӯхта шуда, дар асоси ин таҳлилҳо стратегияи дурнамои соҳа муайян карда шавад;

- саҳми соҳаи метрология ва стандарткунонӣ, нақши сохтори Агентии «Тоҷикстандарт» дар таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст;

- фаъолияти байналмилалии соҳаи стандарткунонӣ баррасӣ гардид, ки ин раванд қаблан аз тарафи муҳаққиқони соҳаи таърих мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст;

- дар давоми таҳлилҳои фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ омӯзиши системаноки ин соҳа ба роҳ монда шуд, ки барои таҳқиқоти минбаъда роҳ ва усулҳои пажӯҳиширо таъмин мекунад;

- бори аввал таъсири фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ инъикос ёфтааст;

- натиҷаҳои дар рисола овардашуда имкон медиҳанд, ки системаи мукаммали методологии омӯзиши соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба роҳ монда шавад;

- тамоми маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маъмурӣ ва таҷрибавӣ системанок таҳлил гардида, дар асоси методи эмпирикӣ дар шакли кори мукаммали илмӣ ҷамъоварӣ гардидаанд.

Дар асоси мутолиаи диссертатсия ва автореферати муаллиф ба хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ ҳамчун мутахассиси соҳаи таърихи илм ва техника худро нишон дода тавонистааст, ки аз рӯи корҳои нашркардааш возеҳ ба чашм мерасад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 34-35-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия аз натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда маълум мешавад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника, ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад, мувофиқат мекунад.

Комиссияи ташхисӣ рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевичро дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, чунин меҳисобад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд иҷро гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 интишороти илмии муаллиф пурра инъикос ёфтааст, ки аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои гуногуни тақризшавандаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки 2 мақола бидуни ҳаммуаллифӣ буда, ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишороти унвонҷӯ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф пурра инъикос ёфтаанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи диссертатсия таҳия гардида, мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ ба ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология) комилан мувофиқанд.

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар автореферат дар шакли

мухтасару мушаххас ба забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ пурра баён гардида, шарҳи мухтасари он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ инъикоскунандаи муҳтаво ва ҳадафи мавзуи интихобкардаи муалиф мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавриди истифодаи иқтибосот бар манбаҳо дуруст ба расмият даровварда шудааст. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ маълумоти ғайрисаҳҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи муаллиф бачопрасонидашуда, мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхисӣ тибқи банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 01 июли соли 2022, таҳти № 201/шд тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» амалкунанда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Қурбонов Баҳром Раҳмонович,** доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа;

- **Шарифзода Бахтиёр,** номзади илмҳои таърих, ноиби ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ба ҳайси муассисаи пешбари **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои физика-математика Шамсудинов Ф.М.
номзади илмҳои таърих Ҳасанов Д.Р.

Имзоҳои А.Э. Сатторов, Ф.М. Шамсудинов
ва Д.Р. Ҳасановро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ ба номи
Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.